# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.06.00 – Диншиносӣ пешниҳод гардидааст.**

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин бар пояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва амнияти шаҳрвандон, ғояҳои дунявӣ, озодии виҷдон, гуногунандешии динӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба тамоми дину мазҳабҳо асос ёфтааст. Ҳадафи асосии ин сиёсати динии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои динии инсон ва шаҳрванд ва рушди пояҳои давлати дунявии кишвар мебошад.

Муносибати самимӣ, боэҳтиромона ва ғамхоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои динӣ, аз ҷумла нисбат ба арзишҳои баланду инсондӯстонаи дини мубини ислом, дар тамоми тӯли фаъолияти эшон ошкор буда, дар таҳкими суботу ваҳдати ҷомеа таъсири неки худро гузоштааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар самти ба роҳ мондани муносибатҳои осоишта дар байни дин ва сиёсат, дунявият ва дин, озодии виҷдон ва эҳёи арзишҳои динӣ мухолифон ва душманони ғоявии ҷумҳуриямон аз хориҷ истода, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ барои афрӯхтани низоъҳои динию сиёсӣ ва ақидавӣ дар Тоҷикистон ва паст задану нест кардани фарҳанги миллӣ тамоми кӯшишҳои худро истифода мебаранд. Илова бар ин, паҳн намудани ақидаҳои ифротӣ тавассути муллоҳои ифротӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои ғайриқонунӣ низ ҳамчун омили муҳими паҳншавии ифротгароии динӣ зоҳир мешавад.

Автореферати диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа ба чунин як мавзуи доғи руз бахшида шуда, дар он бештар хатари равияҳои динӣ-ифротӣ ба фарҳанги миллӣ таҳқиқ карда шудааст. Ҳамагон хуб медонанд, ки тарғиби арзиҳои бегона, бегонапарастӣ, рӯ овардан ба фарҳанги бегона, ҳисси пасти ватандӯстӣ, эҳтироми нокифоя ба фарҳанги миллӣ ва муқаддасоти миллӣ хоси намояндагон ва гуруҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин масъала диссертант дар саҳифаи 123 қайд мекунад "Ифротгароӣ барои фаъолияти созанда ҳаргиз талош наметварзад, баръакс барои несту нобуд шудани низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ саъй мекунад. Аз ин рӯ, бо саъйю талоши дастҷамъонаи ҳукумат ва мардуми кишвари азизамон – Тоҷикистон бояд тамоми анвои гуногуни ифротгароӣ аз байн бардошта шавад, вагарна ин

равияи номатлубу манфури ҷомеа сабабгори решакансозии бунёди асолати фарҳангию миллӣ, харобу табоҳгардонии ҳамаи соҳоти ҳаёти ҷомеа хоҳад гардид". Он масъалаҳоеро (хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарҳанги миллӣ, роҳу шаклҳои таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ, роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарҳанги миллӣ), ки Давлатзода А.Ш дар автореферааш таҳқиқ намудааст, дар ҳақиқат барои таҳкими арзишҳои фарҳанги миллӣ ва ҳамзистии осоишта аҳаммияти калидӣ доранд. Танҳо бо роҳандозии равишҳои ҳамаҷониба ва ҳамоҳанг мо метавонем хатарҳои ифротгароии диниро коҳиш дода, ба устувории фарҳанги миллии тоҷикӣ мусоидат карда тавонем.

Мавриди таҳлил қарор гирифтани мавзуи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ин раванд аз омилҳои гуногунӣ иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маншаъ мегирад. Паст будани сатҳи ҷаҳонбинии илмӣ ва маърифатнокӣ, ки аксар вақт ба набудани таҳсилоти дуруст ва фаҳмиши арзишҳои фарҳангӣ вобаста аст, заминаи асосии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароӣ диниро ташкил медиҳад. Хулосаи диссертант Давлатзода А.Ш дар мавриди он, ки сабаби асосие, ки андешаҳои ифротгароӣ ва таассуботи динӣ вусъат меёбанд, паст будани сатҳи донишу иттилооти фарҳангию сиёсии мардум, хусусан ҷавонон, мебошад. Аз ин рӯ, бояд барномаҳое таҳия ва қабул гарданд, ки сатҳи донишу маърифати мардум мунтазам баланд бардошта мешавад, саривақтӣ буда, боиси дастгирӣ мебошад.

Дар баробарӣ муваффақиятҳо, дар автореферат баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуни автореферaтро коҳиш намедиҳанд. Аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, агар диссертант аз натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологие, ки дар солҳои охир вобаста ба мавзуи мазкур гузаронида шудаанд, истифода мебурданд;
2. Диссертант роҳу шаклҳои таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ ва роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарҳанги миллиро таҳқиқ намуда, ба омилҳо ва сабабҳои ба вуҷуд омадани зуҳуроти ифротгароӣ кам аҳамият додаанд.

Пешниҳодҳои баёншуда мазмуни автореферaтро коста намекунад ва ба моҳияти он таъсир намерасонад.

Дар маҷмуъ, автореферати Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси

6D.02.06.00. – диншиносӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, кори мустақилонаи анҷомёфта ба ҳисоб рафта, тибқи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.06.00. – Диншиносӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Давлатова Озодамоҳ Сафомудиновна
номзади илмҳои фалсафа, муаллими
калони кафедраи таърих ва фалсафаи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон

Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
Кӯчаи Лучоб 24, ҳуҷраи 65
Тел.: (+992) 933746374
E-mail: davlatova.ozodamoh@mail/ru

Имзои Давлатова О.С -ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБССТ Ҷӯраев Ш.Н

Суроғаи муассиса:
индекс, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Борбад 48/5,
Тел.: (+992-37) 234 88 02
E-mail: info@iutet.tj

24 октябри соли 2025.